

Имрӯз дар шахри Душанбе дар хошияи Чаласаи 23-юми Шӯрои вазирони корхои хоричии Созмони Хамкории Иктисодӣ мулокоти Асосгузори сулху вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо Вазири корхои хоричии Чумхурии Исломии Афгонистон Салохиддин Раббонӣ баргузор гардид.

Зимни мулокот доир ба чанбахои гуногуни хамкории Точикистону Афгонистон, минчумла дар сохахои тичорату иктисод ва фархангиву башарӣ сухбати пурмухтаво сурат гирифт.

Дар ин робита Президенти Чумхурии Точикистон ахамияти пайгирии минбаъдаи масъалахои вобаста ба татбики лоихахои зерсохторӣ ва энергетикии минтакавиро, ки ба чалби васеи Афгонистон ба раванди хамкории минтакавӣ нигаронида шудаанд, махсус таъкид карданд.

Вазъи имрӯзаи амниятии Афгонистон ва минтака, аз чумла, дар сархади давлатии байни Точикистон ва Афгонистон низ дар мехвари мулокот карор дошт.

Рочеъ ба ин мавзуот чонибхо зарурати тахкиму таквияти хамкорихояшонро дар самти муборизаи муштарак алайхи хатару тахдидхои муосир — терроризм, экстремизм, гардиши гайриконунии маводи мухаддир, кочоки силох ва дигар чиноятхои муташаккили фаромиллӣ зикр намуданд.

Чонибхо хамчунин атрофи дигар мавзӯъхои мубрами минтакавию байналмилалӣ гуфтугӯи судманд анчом доданд.